ХУЛОСАИ
ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-134
НАЗДИ ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР
АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ
ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD)

Парвандаи аттестатсионии №_____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 19.09.2026, протоколи №14

Барои сазовор донистани Абдуллозода Хусрав Абдулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ.

Диссертатсияи Абдуллозода Хусрав Абдулло дар мавзуи «Муаммоҳои рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва роҳҳои ҳалли он (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ санаи 06.07.2026, протоколи №191 бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-016, дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022 таҳти №14/шд таъсис дода шудааст, бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05-уми январи соли 2026 таҳти №3/шд фаъолияти шуро ба Таснифоти ихтисосҳои илмии доктори фалсафа (PhD) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Феҳристи ихтисосҳои илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Абдуллозода Хусрав Абдулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 03-юми январи соли 1993 таваллуд шудааст. Соли 2011 ба зинаи бакалаврияти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил шуда, соли 2015 донишгоҳи мазкурро аз рӯйи ихтисоси менеҷмент хатм намудааст. Солҳои 2015–2017 дар магистратураи ҳамин донишгоҳ аз рӯйи ихтисоси менеҷменти иҷтимоӣ таҳсил кардааст. Соли 2018 ба докторантураи (PhD)-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил шуда, соли 2021 онро аз рӯйи ихтсоси 6D050600 – Иқтисодиёт хатм намудааст.

Аз 27 августи соли 2017 то 1 феврали соли 2025 дар вазифаи ассистенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият намуда, аз 1 феврали соли 2025 дар вазифаи муаллими калони ҳамин кафедра кор мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст. Хулосаи кафедра дар ҷаласаи 29 январи соли 2025, протоколи №6/3, муҳокима ва қабул гардидааст.

Роҳбари илмӣ – Ҳодиев Дадахон Абдуллоевич, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

1. Мирсаидов Аврор Бобоевич – доктори илмҳои иқтисод–, профессор, мудири шуъбаи назарияи иқтисодӣ ва таҳқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

2. Асоев Муфаррах Мазоридинович – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

Муассисаи пешбар – Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Хаёти-Нав 306, дар тақризи мусбат, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, Мирзон Н.М. – мудири шуъбаи равандҳои кластерикунонӣ дар комплекси агросаноатӣ омода карда шудааст, дар ҷаласаи шуъбаи равандҳои кластерикунонӣ дар комплекси агросаноатӣ аз 21-уми августи соли 2026, протоколи №7 баррасӣ гардида, раисикунанда – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон Пиризода Ҷ.С. ва котиби ҷаласа, номзади илмҳои иқтисодӣ, Файзуллоева К.Н. – ходими пешбари шуъбаи мазкур ба он имзо гузоштаанд ва аз тарафи директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Пиризода Ҷ.С. тасдиқ шудааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки диссертатсияи Абдуллозода Хусрав Абдулло дар мавзуи «Муаммоҳои рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва роҳҳои ҳалли он (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» кори илмию таҳқиқотии мустақилона ба итмомрасида дониста шуда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ пурра мувофиқат карда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ мебошад. Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Дар хулосаи мусбат қайд шуд, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 11 интишороти илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

Фехристи интишороти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ

А) Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1- М] Хисрави А. Моҳият ва таснифи мафҳуми инфорасохтори иҷтимоӣ дар деҳот аз нигоҳи таҳқиқотчиёни хориҷӣ ва ватанӣ //Маҷаллаи иқтисодиёти бахши илмҳои иқтисодӣ. 2021. №1. саҳ 47-51. ISSN 2310-3957.

[2- М] Хисрави А., Ҳодиев Д. Ҷанбаҳои назариявии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот // Маҷаллаи иқтисодиёти бахши илмҳои иқтисодӣ. 2021.№1. саҳ 87-92. ISSN 2310-3957.

[3- М] Абдуллозода Х.А. Баҳогузорӣ ба ҳолати муосири инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар вилояти Хатлон. // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолии "Кишоварз"- Душанбе: Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон, 2021.-№4 (93).- С.220-225.ISSN 2074-5435.

[4- М] Абдуллозода Х.А. Таъмини самараноки иистифодабарии замин дар ҳудудҳои деҳот бо мақсади бунёд ва истифодаи объектҳои иҷтимоӣ // Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2023-№1 (60). - С.132- 139.ISSN 2664-0651.

Б) Дар дигар нашрияҳо:

[5- М] Хисрави А. Абдуллоев С. Асосҳои назараявии ташаккул ва рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот// Маҷаллаи илмии «Муҳаққиқ». Кӯлоб, 2020.- саҳ.14-17.

[6- М] Хисрави А. Таҳлили даромадҳо ва сатҳи зиндагии аҳолии деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон// Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ умумидонишгоҳӣ миёни магистрантон ва докторантони PhD-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ. Кӯлоб, 2020.- саҳ.107-111.

[7- М] Абдуллозода Х.А. Рушди инфрасохор дар деҳот ва принсипҳои асосии ташаккулёбии он// Ташаккули бахши молиявии ҶТ ва нақши он дар рушди истифодаи иқтисоди миллӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ. Кӯлоб, 2022.- саҳ.517-519.

[8- М] Абдуллозода Х.А. Нақш ва истифодабарии захираҳои замин дар ҳудудҳои деҳот бо мақсади бунёд ва истифодаи объктҳои иқтисодию иҷтимоӣ// Рушди системаи идоракунии инноватсияҳо дар корхонаҳои саноатӣ. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар ҳошияи саноаткунонии босуръати кишвар ва эълон шудани солҳои 2022-2026 ҳамчун солҳои рушди саноат. Кӯлоб, 2023.- саҳ.123-126.

[9- М] Абдуллозода Х.А. Рушди соҳибкории кишоварзӣ дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин// Маводи конфренсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯён оид ба ҷамъбасти корҳои илмӣ тадқиқотӣ. Кӯлоб, 2023.- саҳ.123-126.

[10- М] Абдуллозода Х.А. Омилҳои муайянкунандаи раванди ташаккули инфрасохтори иҷтимоии деҳот//Масоили муҳими таъмини амнияти иқтисодии Тоҷикистон ва кишварҳои ҷаҳон дар шароити муосир. Маводи конфренсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ. Кӯлоб, 2023.- саҳ.476-482.

[11- М] Абдуллозода Х.А. Рушди босуботи соҳибкорӣ дар деҳот//Муаммоҳои муосири баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити ғаиринақдикунонии пардохтҳо. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии умумидонишгоҳӣ миёни магистрантон ва докторантони PhD-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ. Кӯлоб, 2024.- саҳ.148-150.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:

1. Одиназода К.С. – доктори илмҳои иқтисодӣ, иҷрокунандаи вазифаи профессор, мудири кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисодиёти соҳавии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соқибкории Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

1. Дар қисми назариявии мавзуи таҳқиқшаванда фикру ақидаҳои муаллиф кам ба назар мерасанд;

2. Муаллиф дар ҷадвали 4-и автореферат динамикаи ба истифода додани объектҳои асосии инфрасохтори иҷтимоӣ дар қаламрави вилояти Хатлонро мавриди таҳлил қарор додааст. Бисёр ба маврид мебуд, дар баробари ин, маблағгузориҳоро аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба рушди инфрасохтори вилояти Хатлон таҳлилу баррасӣ мекард.

3. Раҷабзода Н.Р. – доктори илмҳои иқтисодӣ, иҷрокунандаи вазифаи профессори кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

1. Дар автореферат (саҳифаи 15, расми 2) таснифоти омилҳои рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот тасвир шудааст, аммо таҳлили амиқи сабабҳои ин монеаҳо равшан нишон дода нашудааст.

2. Бисёр ба маврид мебуд, дар қисмати таҳлили авторефрати диссертатсия, нақши лоиҳаҳои давлатии сармоягузориро дар рушди инфрасохтори деҳоти вилояти Хатлон тариқи ҷадвал инъикос карда, таҳлил мекард.

3. Алиҷонов Д. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, бо чунин эродҳо:

1. Дар қисмати назариявии автореферати диссертатсия агар ягон модели консептуалии рушди ифрасохтори деҳот дар минтақа аз ҷониби муаллиф таҳия карда мешуд, сифати автореферат боз ҳам беҳтар мешуд;

2. Дар авторефрати диссертатсия, расми 3 натиҷанок ва самаранок будани низоми такмилдиҳии инфрасохтори иҷтимоӣ дар деҳоти вилояти Хатлон таҳия ва пешниҳод шудааст, аммо аз ҷониби муаллиф ба пуррагӣ шарҳ дода нашудааст.

4. Халифазода Ҷ.Б., номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, бо чунин эродҳо:

1. Муаллиф дар диаграммаи 1 шумораи аҳолии доимии дар минтақаҳобударо таҳлил кардааст, аммо бисёр ба маврид мебуд, дар ин қисмати ҷадвал шумораи аҳолии вилояти Хатлон бо ҷойи кор таъминбударо ба соҳаҳо ҷудо мекард, сифати автореферат беҳтар мешуд.

2. Дар боби 3-юм новобаста аз параграфҳояш, як ё ду ҷадвал оид ба ояндабинӣ оварда, асоснок менамуд, бисёр ба маврид мебуд.

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар асоснок карда мешаванд: интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои назариявию амалӣ ва методологии инфрасохтори иҷтимоии деҳот, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст; интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Институти

иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси таҳқиқоти илмӣ:

- муқаррароти назариявӣ ва консептуалии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот, ки робитаи мутақобилаи сатҳи таъминоти аҳолӣ бо хизматрасониҳои иҷтимоӣ, рушди сармояи инсонӣ, шуғл ва устувории иқтисодии минтақаҳои деҳотро инъикос намуда, барои муайян кардани самтҳои афзалиятноки такмили он заминаи илмӣ фароҳам меорад, таҳия шудааст;

- тафсири такмилёфтаи мафҳуми «инфрасохтори иҷтимоии деҳот», ки он ҳамчун омили баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, рушди сармояи инсонӣ, таъмини шуғл ва устувории иқтисодии минтақаҳои деҳот арзёбӣ мегардад, ба гардиши илмӣ ворид шудааст.

- равиши муаллифӣ ба гурӯҳбандии авомили ба рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот таъсиррасон ва механизми ташкилию иқтисодии такмили он ки ҷанбаҳои маблағгузорӣ, истифодаи замин, шуғл, идоракунӣ ва рақамикунонии хизматрасониҳои иҷтимоиро фаро мегирад, пешниҳод шудаанд;

- омилҳои рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот муайян карда шуда, усули пешниҳодшудаи интихоби меъёрҳо бо назардошти сатҳ, хусусият ва самтҳои таъсир **арзёбӣ шудааст;**

- вобастагии сатҳи рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот аз имконоти иқтисодию молиявии минтақа, самаранокии истифодаи захираҳои замин, сатҳи шуғлу даромади аҳолӣ ва сифати идоракунии маҳаллӣ, инчунин зарурати татбиқи равиши фарқкунанда нисбат ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон собит карда шудааст;

- дар таҳқиқоти анҷомдодашуда имкон ва ҳалли мушкилотҳои мавҷуда, оид ба стратегияи рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот бо назардошти таркиби ҷузъҳои зернизоми он, афзалиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, сохтор ва муносибатҳои молиявӣ, тағйиротҳои ҷиддӣ, ки мавҷуданд, **пешниҳод шудааст;**

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда мешавад, ки:

- муқаррароти илмӣ оид ба вобастагии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот аз сатҳи рушди иқтисодии минтақа, имконоти маблағгузорӣ, истифодаи самараноки замин, шуғл ва сифати идоракунии маҳаллӣ, ки доираи тасаввуроти илмиро дар бораи қонуниятҳои ташаккул ва рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот васеъ менамоянд, **исбот шудаанд**;

- дар ҳалли масоили диссертатсия маҷмуи усулҳои таҳқиқоти иқтисодӣ, аз ҷумла усулҳои таҳлили оморӣ, муқоисавӣ, монографӣ, гурӯҳбандӣ, мушоҳида, ҷамъбасти илмӣ ва таҳлили сохторию мантиқӣ, ки барои ба даст овардани натоиҷи дорои навгонии илмӣ имконият фароҳам овардаанд, **самаранок истифода шудааст;**

- тамоюлҳо, марҳалаҳо, авомил ва шароити ташаккулу рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот, хусусиёти ҷойгиршавӣ ва фаъолияти объектҳои он, сатҳи дастрасии аҳолии деҳот ба хизматрасониҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, савдо, нақлиёт ва

алоқа, инчунин нақши инфрасохтори иҷтимоӣ дар баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, рушди сармояи инсонӣ, таъмини шуғл, афзоиши даромад, коҳиш додани муҳоҷират ва рушди устувори минтақаҳои деҳот **асоснок карда шудаанд**;

- номувофиқатии байни талаботи афзояндаи аҳолии деҳот ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва сатҳи мавҷудаи рушди объектҳои инфрасохторӣ, маҳдудияти маблағгузорӣ ва нобаробарии ҳудудии ҷойгиршавии онҳо **ошкор карда шудаанд**;

- робитаи рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот бо шуғл, даромади аҳолӣ, истифодаи захираҳои замин, маблағгузории буҷетӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ва идоракунии маҳаллӣ, инчунин робитаҳои сабабию натиҷавии байни онҳо омӯхта шуда, робитаи мутақобилаи онҳо **ошкор карда шудаанд;**

- механизми ташкилию иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот бо дарназардошти хусусиёти иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, имконоти маблағгузорӣ ва зарурати рақамикунонии хизматрасониҳои иҷтимоӣ **такмил дода шудааст.**

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ мегардад:

- муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба мукаммал гардидани донишҳои назариявию амалии ташаккул ва рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот мусоидат карда, як қатор пешниҳодҳои дар рисолаи илмӣ овардашуда метавонанд татбиқи амалии худро дар низоми фаъолияти соҳаҳои он ва ҳамчунин дар фаъолияти мақомоти Кумитаи рушди маҳалли назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомотҳои ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо бо дарназардошти манфиатҳои иқтисоди миллӣ пайдо кунад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот, хулоса ва тавсияҳои кори диссертатсиониро метавон дар ҷодаи ташаккул ва рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳоти мамлакат истифода намуд.

- тавсияҳои илмию амалӣ оид ба такмили механизми рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот, истифодаи самараноки заминҳои таъиноти иҷтимоӣ ва беҳтар намудани муҳити иттилоотию коммуникатсионӣ таҳия ва дар фаъолияти хоҷагиҳою корхонаҳои кишоварзии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, инчунин дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҷорӣ гардидаанд, ки бо санадҳои дахлдор тасдиқ шудаанд;

- доира ва дурнамои истифодаи амалии натоиҷи таҳқиқот ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии деҳот, ҷойгиркунии объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, истифодаи захираҳои замин, таъмини шуғли аҳолӣ ва такмили низоми хизматрасониҳои иҷтимоӣ **муайян шудаанд.**

- низоми тавсияҳои амалӣ оид ба рушди устувори инфрасохтори иҷтимоии деҳот, истифодаи оқилонаи заминҳои таъиноти иҷтимоӣ, беҳтар намудани маблағгузорӣ ва баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ **таҳия шудааст;**

- тавсияҳои методӣ оид ба такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот, беҳтар намудани фаъолияти мақомоти идоракунии

маҳаллӣ, тақвияти шуғли аҳолӣ ва ташаккули муҳити мусоиди иттилоотию коммуникатсионӣ **пешниҳод шудаанд**.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:

- **ғоя** дар асоси муқаррароти эътирофшудаи илми иқтисодӣ дар самти рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот, таҳқиқи нишондиҳандаҳо ва омилҳои таъсиррасон, маводҳои маҷаллаҳои махсуси соҳавӣ, инчунин маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷамоатҳо, натиҷаҳои пурсишҳои истиқоматкунандагони деҳот ва истифодаи дурусти усулҳои системавии ҳалли мушкилот мувофиқ мебошад;

- **назарияи асосӣ ва таҳлилҳо** бо Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳову барномаҳои давлатӣ, Барномаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030, Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июли соли 2015, № 522), Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ 2019 – 2021 ва Барномаи минтақавӣ оид ба амалисозии лоиҳаҳои давлатии сармоягузории аҳаммияти иҷтимоӣ дошта, баҳри рушди устувори ҷамоатҳои маҳаллӣ барои солҳои 2018 – 2022, нашрияҳои даврӣ, захираҳои иттилоотии интернет ва ғайра асоснок карда шудааст;

- **истифодаи ғояи асосии диссертатсия** ба ақидаи олимони классикии соҳаи иқтисодиёт, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ, таҷрибаи дигар давлатҳои пешқадам дар самти таҳқиқот ва амалӣ гаштани фаъолияти инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар шароити минтақа ва Ҷумҳурии Тоҷикистон такя мекунад;

-коркарди тавсияҳои илман асоснок оид ба мукаммалгардонии ҳамгироии низомҳои иттилоотӣ барои заминагузорӣ оид ба таъмини рушди соҳаҳои мушаххаси инфрасохтори иҷтимоии деҳот ба рақобатпазирӣ, таъмини самаранокии зерсоҳаҳои истеҳсолӣ, сатҳи зиндагии аҳолии он, коҳиш додани фарқияти байни деҳот ва шаҳр, инчунин барои мусоидат ба раванди гузаштан аз иқтисодиёти аграрӣ-индустриалӣ ба модели индустриалӣ-аграрӣ таҳия гаштаанд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки:

- дар ҳама марҳилаҳои диссертатсия, дар иҷрои нақшаи таҳқиқот, асосноккунӣ, ҷамъоварӣ, коркарди маводи назариявӣ ва методӣ муаллиф мустақилона кору фаъолият намудааст;

- дар раванди таҳқиқот аз ҷониби муаллиф таҳқиқи фарзияҳои илмӣ гузаронида шуда, ақидаҳои аҳаммияти ташкилӣ-иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва ояндабинӣ дошта, ҷиҳати ташаккул ва рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он асоснок карда шудааст;

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки:

- дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, таҳияи нақшаи таҳқиқот, муайян намудани мақсад ва вазифаҳо, асосноккунии муқаррароти илмӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди маводи назариявию амалӣ муаллиф мустақилона кору фаъолият намудааст;

- аз ҷониби муаллиф фарзияи илмии таҳқиқот санҷида шуда, муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои илмию амалӣ оид ба ташаккул ва рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот, истифодаи самараноки заминаҳои таъиноти иҷтимоӣ, таъмини шуғли аҳолӣ ва такмили муҳити иттилоотию коммуникатсионӣ асоснок карда шудаанд;

- натиҷаи корҳои илмӣ – таҳқиқотии муаллиф дар амалия татбиқ карда шудааст (санади татбиқ аз Маркази ҳамоҳангсозии лоиҳаҳо оид ба таҷдид ва рушди иншооти инфраструктураи иҷтимоӣ, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 23-юми декабри соли 2025, №55);

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 11 корҳои илмӣ дар ҳаҷми умумии 3,8 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда нашр гардидаанд;

- натиҷаҳои таҳқиқот дар як қатор мақолаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ, маводҳои конфронсҳо ва семинарҳои илмӣ инъикос ёфтаанд. Тавсия ва пешниҳодҳои таҳияшудаи муаллиф дар конфронсҳо ва семинарҳои илмии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки давоми солҳои 2020-2024 баргузор гардидаанд, аз тарафи муаллиф маъруза гардидаанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-134 аз санаи 19-уми сентябри соли 2026 қарори сазовор донистани Абдуллозода Хусрав Абдулло ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар, 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 4 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар маҷлис иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессор **Шарифов З.Р.**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Олимов А.Х.**

«19» сентябри соли 2026

Имзоҳои Шарифов З.Р. ва Олимов А.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Курбонзода А. Х.